Замима

Бо фармоиши сардори  Хадамоти иҷозатномадиҳии

фаъолияти шаҳрсозӣ

аз «__» _________ соли 2024

№_____тасдиқ шудааст.

**Дастурамали**

**мансабии сармутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ**

**1. Муқаррароти умумӣ**

1) Номи мансаб-сармутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ;

2) Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб меёбад.

3) Сармутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии  фаъолияти  шаҳрсозӣ  (минъбад сармутахассиси бахш) аз ҷониби сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ  (минбаъд сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ), тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад;

4) Ишғолкунандаи  мансаби мазкур ба мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ  тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5) Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси бахш ичрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба зиммаи мутахассиси пешбари бахш вогузор карда мешаванд.

6) Сармутахассиси бахш бо роҳбарони бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7) Барои мансаби сармутахассиси бахш талаботҳои тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ё равоншиносӣ (психолог);

-2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси бахшро ба танзим медароранд;

-мавҷудияти малакаи тарзи дурусти муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-қобилияти бо компютер кор кардан.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси Бахш

8) Дар давраи муваққатан набудани мудири бахш уҳдадориҳои мансабии ӯро сармутахассиси бахш иҷро менамояд.

9) Оид ба рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро таҳлил намуда, таклифҳои худро ба мудири бахш пешниҳод менамояд.

10) Табели қайди фаъолияти давомоти кории кормандони дастгоҳи марказии Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро дар ҳамоҳангӣ бо мудири бахш амалӣ менамояд.

11) Оиди баргузории аттестатсияи хизматчиёни давлатии Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ, ҷадвали гузаронидани аттестатсияро бо мудири бахш таҳлил намуда, доир ба ҷамбасти аттестатсияи хизматчиёни давлатии Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ гузаронидашуда, ба сардори Хадамот ҳисобот пешниҳод менамояд.

12) Таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабиро дар шуъбаҳо ва бахшҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ бо роҳбарии мудири бахш ва дар ҳамоҳангӣ бо сардорони дигар бахшу шуъбаҳо, амалӣ менамоянд.

13) Китоби қайди дастурамалҳои мансабиро бо мудири бахш таҳия ва баъди тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ ба сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони онҳо барои шиносоӣ дар китоб имзо мегирад.

14) Таҳияи шартномаҳои хизматчиёни давлатии ба кор қабулшударо, аз он ҷумла, пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатиро бо мудири бахш таъмин менамояд.

15) Ҳисоботҳои омории семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва соланаи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро таҳлил ва омода намуда, ба мудири бахш пешниҳод менамояд.

16) Назорати риояи талаботи синни ниҳоӣ дар хизмати давлатиро мебарад.

17) Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш барассӣ намуда, хулосаи Хадамотро омода намуда, ба сардори Хадамот пешниҳод менамояд.

18) Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро дар якҷоягӣ бо мудири бахш баррасӣ намуда, хулосаи бахшро омода менамояд.

19) Риояи интизоми меҳнати кормандони Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро назорат менамояд.

20) Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки ба бахш мутааллиқанд баррасӣ менамояд.

21) Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо мақомотҳои зерин ба роҳ мемонад:

- Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Кумитаи меъморӣ ва сохтмон назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

-Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

22) Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ бо мудири бахш дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба сардори Хадамот ҳисобот пешниҳод менамояд.

23) Дар кори комиссияҳо, гуруҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Хадамот иштирок менамояд.

24) Дигар супоришҳои роҳбарияти Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ ва мудири бахшро дар чаҳорчубаи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои сармутахассиси Бахш

25) Сармутахассиси бахш ҳуқуқҳои зерин дорад:

-аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабии заруриро бо тартиби муқарраргардида гирад;

-дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи  масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта, иштирок намояд;

-ба роҳбари воҳиди сохторӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор, таклиф пешниҳод намояд;

-маводи дар ихтиёри бахш  қарордоштаро омӯзад;

-дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдошта таклиф пешниҳод намояд.

-дар гузаронидани  ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо,  ки  ба фаъолияти бахш дахл доранд, иштирок намояд;

26) Сармутахассиси бахш  дорои дигар ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуда аст мебошад.

## 5.Масъулияти сармутахассиси бахш

27) Сармутахассиси бахш  дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

-мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», барои ба мансаб таъин намудан ва дар мансаб будан;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;

-барои ошкор намудани сирри хизмати  давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои пешниҳод накардан ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

-дигар масъулияте, ки санадҳои маъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

28) Сармутахассиси бахш барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда, тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6.Муқаррароти хотимавӣ

29) Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар бахши кадрҳо ва ҳуқуқ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм ба сармутахассиси бахш бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

30) Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқии хизматчии давлатии маъмурӣ аз руи натиҷаи аттестатсия ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии бахш ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассиси бахш мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва бо Роҳбар тасдиқ карда мешавад.

РӮЙХАТИ
кормандони Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозии
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21.07.2025

| № р/т | Мансаб | Насаб,ном ва номи падар | Сана ва ҷои таваллуд | Ҷои истиқомат | Мил-лат | Таҳсилот, кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кардааст, ихтиссос | Аз кадом вақт дар ин мансаб кор мекунад (рӯз моҳ, сол) | тел: Хизматӣ | тел: Мобилӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | Сардори Хадамот | Абдурасулзода Шаҳриёр Абдурасул | 08.08.1983 н.Данғара вилояти Хатлон | ш.Душанбе н.Сино кучаи Шамси хонаи 1 ҳуҷраи 23 | тоҷик | Олӣ, соли 2006 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** Менеҷменти истеҳсолӣ, Олӣ, соли 2019 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ **ихтисос:** муҳандис-сохтмончӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №475 аз 25.11.2021 | 221-42-51 | 93-06-02-222 |
| 2 | Муовини Сардор | Ҷаборзода Фирдавс Фурқат | 12.12.1986 ш. Душанбе | ш.Душанбе н. Сино кучаи Р.Набиев хонаи 29 | тоҷик | Олӣ, соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **ихтисос:** иқтисодчӣ, Олӣ, соли 2020 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ **ихтисос:** муҳандиси системаҳои таъмини об ва обпартовҳо Олӣ, соли 2025 Академияи доракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ихтисос**: идораи давлатӣ | Фармоиш №1/т аз 20.05.2022 | 221-47-17 | 555-55-54-61 |
| 3 | Сардори шуъбаи қабул ва | Сафарзода Шариф Мурод | 01.02.1963 н. Восеъ в.Хатлон | ш.Душанбе н. Сино кучаи | тоҷик | Олӣ, соли 1985 Институти политехникии | Фармоиш №2/т аз 16.01.2023 | 221-47-17 | 918-65-11-87 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | баҳисобгирӣ | | | Борбад 53/1 ҳучраи 59 | | Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** муҳандис-бинокор | | | |
| 4 | Сармутахассиси шуъбаи қабул ва баҳисобгирӣ | Мирзоева Давлатой Тағоевна | 06.03.1974 ш.Ваҳдат | ш.Душанбе кучаи Н.Қара-боева 55-117 | тоҷик | Олӣ, соли 2000 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, **ихтисос:** журналист, Олӣ, соли 2015 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ **ихтисос:** муҳандис-сохтмончӣ | Фармоиш №7/т аз 19.04.2022 | 227-17-27 | 93-557-37-11 |
| 5 | Сармутахассиси шуъбаи қабул ва баҳисобгирӣ | Авазбекова Рисолат Сарфарозовна | 09.02.1974 ВМКБ н.Рушон | ш.Душанбе н. Сино кучаи Гипрозем 30/1 ҳуҷраи 141 | тоҷик | Олӣ,соли1997 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷураев **ихтисос:** Забон ва адабиёти тоҷик | Фармоиш №18/т аз 10.10.2022 | 227-04-30 | 902-90-22-30 |
| 6 | Мутахассиси пешбари шуъбаи қабул ва баҳисобгирӣ | Миравалова Мавҷуда Миргаваровна | 07.06.1976 в.Хатлон н.Фархор | ш. Душанбе н.Фирдавсӣ кучаи Н.Қара-боева 44 ҳучраи 23 | тоҷик | Олӣ, соли 2016 Донишкадаи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур **ихтисос:** маркетинг дар комплекси агросаноати **касби:** маркетолог-ташкилотчии агробизнес | Фармоиш 22/т аз 18.11.2022 | 227-04-30 | 903-04-20-80 |
| 7 | Мутахассиси шуъбаи қабул ва баҳисобгирӣ | Ҳафиззода Салмон Маҳмадсолеҳ | 23.02.1998 в.Хатлон н.Кушониён | ш. Душанбе н.Фирдавсӣ кучаи Н.Карабоев 34/2 ҳучраи 40 | тоҷик | Олӣ, соли 2020 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **ихтисос:** иқтисодчӣ Олӣ, соли 2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти | Фармоиш №11/т аз 01.05.2023 | 227-17-27 | 919-78-87-74 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Ҷумҳурии Тоҷикистон **ихтисос:** амнияти иттилоотӣ **айни ҳол донишҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, ихтисос: сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ** | | | |
| 8 | Мутахассиси шуъбаи қабул ва баҳисобгирӣ | **Ҷойи холӣ** | | | | | | | |
| 9 | Сардори шуъбаи омӯзиш | Самизода Абдулло Ҳамрохон | 08.01.1991 в.Хатлон н.Фархор | ш. Душанбе н.Шоҳман-сур кучаи Истарав-шан 13 ҳуҷраи 13 | тоҷик | Олӣ, соли 2010 Академияи асосси сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Қазоқистон **ихтисос:** сохтмончӣ Олӣ, соли 2016 Донишгоҳи миллии техникии Белорус (магистр) **ихтисос:** сохтмончӣ Олӣ, соли 2022 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ихтисос**: идораи давлатӣ ва ҳуқуқ Олӣ, соли 2025 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **ихтисоси**: ҳуқуқшиносӣ | Фармоиш №9/т аз 01.05.2023 | 221-12-76 | 550-70-00-01 |
| 10 | Сармутахассиси шуъбаи омӯзиш | Лоиқзода Ғайратҷон Ғафор | 10.06.1982 ш.Душанбе | ш.Душанбе н.И.Сомонӣ кучаи | тоҷик | Олӣ, соли 2003 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон | Фармоиш №3/т аз 16.01.2023 | 221-12-76 | 88-88-88-082 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | И.Соатов хонаи 30-А | | **ихтисос:** иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ Олӣ, соли 2022 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ихтисос:** идораи давлатӣ | | | |
| 11 | Сармутахассиси шуъбаи омӯзиш | Садулозода Шамшод Мадисо | 11.01.1983 в.Хатлон ш.Кулоб | ш.Душанбе н.Шоҳман-сур кучаи Н.Муҳам-мад хонаи 9 ҳучраи 61 | тоҷик | Олӣ, 2015 Донишгоҳи далатии меъморӣ ва сохтмонӣ ш. Новосибирск (Федератсияи Россия) **ихтисос:** сохтмончӣ | Фармоиш №10/т аз 01.05.2023 | 227-04-30 | 988-88-06-75 |
| 12 | Сармутахассиси шуъбаи омӯзиш | Эмомализода Абдулазиз Эмомали | 01.10.1991 н. Рашт | н.Рашт д.Навди | тоҷик | Олӣ, соли 2015 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** меъморӣ | Фармоиш №6/т аз 06.03.2023 | 227-17-27 | 987-68-68-88 |
| 13 | Мутахассиси пешбари шуъбаи омӯзиш | Саъдуллозода Ҷаҳонгир Фазлиддин | 18.06.1995 в.Хатлон н. Совет | ш. Душанбе н. Фирдавсӣ кучаи Қосимова 7/4 ҳуҷраи 19 | тоҷик | Олӣ, соли 2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **ихтисос**: андоз ва андозбандӣ **касби**: иқтисодчӣ Олӣ, соли 2025 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Фармоиш №20/т аз 10.10.2022 | 227-04-30 | 906-00-00-58 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14 | Мутахассиси шуъбаи омӯзиш | Мирзоализода Толиб Умарали | 7.09.1993 в. Хатлон н. Данғара | ш. Душанбе н. Фирдавсӣ кучаи Мушфиқи 85 хонаи 9 | тоҷик | Олӣ, соли 2018 Донишгоҳи иқтисодии Россия ба номи Г.В.Плехонова **ихтисос:** мутахассиси корҳои гумрукӣ Олӣ, соли 2025 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**,** **ихтисос:** сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Фармоиш №24/т аз 18.11.2022 | 221-12-76 | 949-49-49-26 |
| 15 | Сардори шуъбаи назорат | **Ҷойи холӣ** | | | | | | | |
| 16 | Сармутахассиси шуъбаи назорат | Абдуллозода Хуршед Маҳмадулло | 2.01.1983 в.Хатлон н.Данғара | ш.Душанбе н.Фирдавсӣ кучаи С.Шерозӣ 20 хуҷраи 7 | тоҷик | Олӣ, соли 2006 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** истеҳсоли масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ **касби:** муҳандис-сохтмончӣ технолог Олӣ, соли 2021 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ихтисос:** идораи давлатӣ **касби:** иқтисодчӣ-менеҷер | Фармоиш №7/т аз 06.03.2023 | 227-17-27 | 901-30-33-33 |
| 17 | Сармутахассиси шуъбаи назорат | Шарифзода Ардашер Рустам | 19.09.1999 ш. Душанбе | ш. Душанбе н.Сино кучаи А.Ғуломов | тоҷик | Олӣ соли 2021 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Фармоиш №2/т аз 01.08.2024 | 227-49-98 | 900-53-00-01 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | хонаи 11/3 ҳуҷраи 58 | | **ихтисос:** иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ **айни ҳол донишҷӯи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, ихтисос: сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ** | | | |
| 18 | Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат | Шарифова Фируза Насимовна | 28.07.1988 ш. Душанбе | ш. Душанбе н. Сино кучаи А. Ғуломов хонаи 9 ҳуҷраи 101 | тоҷик | Олӣ, соли 2013 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** менеҷменти истеҳсолӣ | **Фармоиш №10/т аз 23.07.2020** | 227-17-27 985-21-20-08 | 985-21-20-08 |
| 19 | Мутахассиси шуъбаи назорат | Муҳаббатзода Аҳлиддин Муҳаббат | 01.10.1995 в.Хатлон н.Ховалинг | ш.Душанбе н. Сино кучаи А.Навои 58/18 ҳучраи 26 | тоҷик | Олӣ, соли 2022 Донишгоҳи милли Тоҷикистон **ихтисос:** коркарди канданиҳои фоиданок амалиёти маркшейдерӣ, **касби:** муҳандис-маркшейдер Олӣ, соли 2025 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | **Фармоиш №1/т аз 24.06.2024** | 227-04-30 | 988-37-86-86 |
| 20 | Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат | Маҷидзода Абдулмаҷид Илҳомҷон | 05.10.1999 ш. Кӯлоб | ш. Душанбе н.И.Сомонӣ кучаи Хуҷамбиёи поён 45/1 | тоҷик | Олӣ, соли 2020 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, **ихтисос:** сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | **Фармоиш №16/т аз 06.06.2022** | 221-12-76 | 206-50-50-04 |
| 21 | Мудири бахши банақшагирӣ ва | Ҳанонов Абдулманон | 19.01.1985 н.Рашт | ш.Душанбе н.Фирдавсӣ | тоҷик | Олӣ, соли 2017 Донишгоҳи давлатии | **Фармоиш №45/т аз** | 227-49-98 | 918-66-74-85 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | муҳосибот | Абдусамадович | | кучаи Карабоев 80/1 хуҷраи 65 | | тиҷорати Тоҷикистон, **ихтисос:**иқтисодиёти ҷаҳон **касби:** иқтисодчӣ | 08.10.2024 | | |
| 22 | Сармутахассиси бахши банақшагирӣ ва муҳосибот | Нуралиизода Аҳтам Сироҷиддин | 29.11.1995 н.Данғара | ш.Душанбе н.н.Махсум кучаи 89/1 | тоҷик | Олӣ, соли 2007 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, **ихтисос:** баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар бонгҳо | **Фармоиш №4/т аз 08.10.2024** | 227-49-98 | 905-500-531 |
| 23 | Мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқ | Ҳабибова Зулфия Алиевна | 23.05.1967 ш.Душанбе | ш.Душанбе кучаи Заҳматобод хонаи 76 | тоҷик | Олӣ, соли1991 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷураев **ихтисос:** Забон ва адабиёти рус | **Фармоиш №15/т аз 24.05.2021** | 227-59-32 | 900-01-38-19 |
| 24 | Сармутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқ | **Ҷойи холӣ** | | | | | | | |
| 25 | Мутахассиси пешбари бахши кадрҳо ва ҳуқуқ | **Ҷойи холӣ** | | | | | | | |

Мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқ З.Ҳабибова